Ба Шурои диссертатсионии 6Б.КОА-017-И
назди Институти иктисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмхои Точикистон
(734024, Чумхурии Точикистон, ш. Душанбе,
кучаи С.Айнй, 44)

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзуи «Тадқиқи усулҳо ва василахои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимой-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтакаи чанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст.

Масъалаи такмили усулу воситаҳои идоракунии низомҳои иҷтимоиқтисодии осебпазири минтақаҳои наздисарҳадӣ дар тамоми давраҳои инкишофи кишварҳои ҷаҳон, яке аз масъалаҳои мубрами рушди тамоми соҳаҳои вокеъии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, бахусус дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт хуло мубрам гардида, рушди низомҳои иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳои осебпазирро, ки ҳамчун соҳаи дотатсионии буҷетӣ эътироф гардидааст бе он тасаввур кардан ғариимкон аст.

Масъалаи хело ҳасос он аст, ки дар амалияи шароити иқтисоди бозорӣ бар хилофи иқтисоди маъмури-фармонфармоӣ, нобаробарии рушди минтакаҳои кишвар баръало мушоҳида гардида, баъзе минтақаҳо ҳатто талаботҳои ҷории минтақаро таъмин карда натавониста, ба кумакҳои молиявии буҷетҳои болоӣ хело эҳтиёҷманд мебошанд. Дар ин ҳолат зарурати тадқиқи маҷмуъии муаммои рушди низомҳои иҷтимоӣиқтисодии осебпазире, ки дар фазои хоҷагидории мамлакати мо вуҷуд доранд, ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа мегардад. Дар сохтори иқтисодиёти миллӣ ҷой доштани чунин ҳолати низомҳои иҷтимоӣиқтисодии осебпазир ба рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ таҳдид мекунад. Ин нуктаро муаллиф васеъ тадқиқ намуда дар мисоли минтакаи чанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот намудааст.

Дастоварди мухими илмии таҳқиқоти муаллиф дар коркарди системавии маҷмуи ҷанбаҳои муҳимтарини рушди низомҳои иҷтимоӣиқтисодии осебпазир дар фазои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон: муқаррар намудани аломатҳои бунёдии ин низомҳо; ошкор намудани омилҳои боздоштани онҳо; пешниҳоди захираҳо ва таҳияи воситаҳои идоракунӣ барои рушди ин низомҳо зоҳир мегардад.

Ҳамзамон, муаллиф, дар тадқиқоти худ кушиш ба харҷ додааст, бо дарназардошти ташаккули низоми иҷтимоию иқтисодии навъи буҳронӣ дар шароити ҷорӣ намудани як қатор равандҳои трансформатсионӣ, аломатҳои бунёдии чунин низомро муқаррар намояд, ки ба инҳо дохил мешаванд: мансубият ба низомҳои ҳудудии гуногунранг, ки мавҷудияти нисбатан тӯлонии онҳо аз ҳисоби институтҳои бунёдие имконпазир мегардад, ки то чанд муддат «бесуботии устувори» хоҷагии ҳудудии қобилияти сусти худрушдёбидоштаро таъмин мекунанд; вобастагӣ аз воридшавии захираҳо аз муҳити беруна, аз ҷумла дастгирии молиявии буҷети давлатӣ, кумаки созмонҳои байналмилалӣ, маблағҳои сармоягузороне, ки нисбат ба хавфҳои зиёд беэътиноӣ мекунанд ва ғ.; бесамарии музмини такрористеҳсоли ҳудудӣ, ки ҳар як давраи он номутаносибии байни хароҷот ва натиҷаҳоро нишон медиҳад ва ин ҳолат дотатсия ва субсидияро талаб мекунад (С. 12).

Зимни тадқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки "... мутаассифона, дар Тоҷикистон сиёсати минтақавии дуруст ташаккулнаёфта нисбат ба низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) вуҷуд дорад: ҳадафҳо ва афзалиятҳои рушд муайян карда нашудаанд; тадбирҳои алоҳида ба амал бароварда мешаванд, ки аксаран ба он вобаста нестанд ва барои расидан ба мақсад кам таъсир мерасонанд. Чунин танзим метавонад боиси боқӣ мондани ақибмондагии рушди иҷтимоию иқтисодии як қисми зиёди минтақаҳои маъмурии кишвар гардад. Инчунин консепсияи танзими рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи буҳрониро таҳия кардан лозим аст, ки дар асоси таҷрибаи ватании идоракунии минтақаҳои маъмурии давраи шӯравӣ ва таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои ба ҳолати устувор ва масири тараққиёт овардани чунин низомҳо асос ёфтааст" (С. 15-16). Ин таҳлил исботи он аст, ки зиёдшавии чунин минтақаҳо боиси рушди иқтисоди миллӣ нагардида, баръакс садди роҳи рушди устувор гардида истодааст.

Муаллиф зимни таҳлили роҳҳои ҳалли муаммоҳои минтақаҳои осебпазир, ошкор менамояд, ки: "рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) нуқтаи ибтидоии рушди бахши хусусӣ ва яке аз воситаҳои муассири рушди минтақаҳои осебпазир ва мубаддал гардидани онҳо ба минтақаҳои муваффақу пешрав мебошад. Дар ҳар як мамлакат бунёд намудани минтақаи озоди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, тараққиёти босуръати ҳудуди муайянро таъмин мекунад. Рушди чунин МОИ-ҳо дар минтақаҳои осебпазир имкон медиҳад, ки вазъиятҳои буҳронӣ дар иқтисодиёти миллӣ паст карда шуда, душвориҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти минтақаҳои мазкур бартараф карда шаванд." (С. 20). Сабаби ин дар он аст, ки

минтақаҳои осебпазир бештар ба дастгирии аввалиндарача эҳтиёҷманд буда, тавассути рушди МОИ ва муайян намудани дастгириҳои давлатӣ, сабабгори рушди онҳо мегардад.

Дар баробари дастовардҳои дар автореферат дарҷ гардида, инчуниин баъзе баъзе пешниҳодҳо ҷиҳати дар оянда такмили тадқиқот аст:

1. Масъалаҳои чи гуна афзалиятҳо ба ғайр аз ташаккули МОИ дар панҷсолаи оянда барои минтақаҳои осебпазир зарур аст, камтар мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар тадқиқотҳои оянда хуб мешуд ба инобат гирифта шавад;
2. Хуб мешуд, дар оянда масъалаҳои рушди минтақаҳои осебпазир дар тамоми манотиқи кишвар ба инобат гирифта шавад.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати рисолаи номзадии Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзуи «Тадқиқи усулҳо ва василахои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтакаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст, ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Муқарриз,
Академики АБН ФР, д.и.и., профессор,
декани факултети молиявию иқтисодии ДМТ Иброҳимзода И.Р.

Имзои Иброҳимзода И.Р.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
06 05 с. 2023